«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, д.и.и.,
профессор ________ Шарифзода М. М.
«__1__» ______06______ соли 2022

# ХУЛОСАИ
## кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Диссертатсияи Солиев Ҳомидҷон Абдуманнонович дар мавзуи «Нақши саноатикунонии босуръат дар таъмини рушди иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Солиев Ҳомидҷон Абдуманнонович 28 ноябри соли 1988 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Соли 2011 Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси "Маркетинг-агробизнес" бо дипломи аъло хатм намуда, дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон адои хизмат намудааст. Баъдан, аз моҳи октябри соли 2012 ба ҳайси сармутахассиси шуъбаи омори ноҳияи Зафаробод фаъолияти кориашро оғоз ва то сентябри соли 2014 дар вазифаи мазкур кор кардааст.

Фаъолияти илмӣ-педагогии худро аз моҳи сентябри соли 2014 ба ҳайси ассистенти кафедраи маркетинг-агробизнес идома додааст. Аз моҳи сентябри соли 2015 бошад, ба ҳайси мутахассиси бахши идоракунӣ ва мониторинги сифати таҳсилот ва аз моҳи январи соли 2021 дар вазифаи ёвари ректори донишгоҳ кору фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи диссертатсияи Солиев Ҳомидҷон Абдуманнонович тахти унвони «Нақши саноатикунонии босуръат дар таъмини рушди иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғд)» дар ҷаласаи шӯрои олимони ДДҲБСТ аз 03.04.2018, протоколи №8 тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифзода Мумин Машокир.

Унвонҷӯ имтиҳонҳои минимуми номзадиро бо баҳои хубу аъло супоридааст, ки шаҳодатномаҳо оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз санаи 08.04.2019, тахти №15 (таърих ва фалсафаи илм), 26.04.2021 тахти №5 (забони англисӣ) ва 15.03.2022 тахти № 1 (иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) аз тарафи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дода шудааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи Солиев Ҳомидҷон Абдуманнонович дар мавзуи «Нақши саноатикунонии босуръат дар таъмини рушди иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ чунин хулосаҳо қабул карда шуд.

**1. Баҳодиҳии мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Мавзӯи диссертатсияи Солиев Ҳомидҷон Абдуманнонович мубрам буда, кори мустақилона ва анҷомёфтаи тадқиқотӣ оид ба нақши саноатикунонии босуръат ва таъмини рушди иқтисодиёти минтақа арзёбӣ гаштааст.

Дар давраи соҳибистиқлолии кишварамон ҷиҳати ба роҳ мондани корҳои ободониву созандагӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, истеҳсоли маҳсулоти ватаниву воридотивазкунанда ва дар умум таъмини зиндагии шоистаи мардум, гузариш ба самти рушди устувори иқтисоди миллӣ тавассути саноатикунонии босуръат дар кулли минтақаҳои ҷумҳурӣ аҳамияти калон дорад. Зеро татбиқи ҳадафи саноатикунонӣ дар шаҳру ноҳияҳо бо ташкили корхонаҳои хурду бузурги саноатӣ бо истифода аз технологияҳои нави инноватсионӣ афзоиши истеҳсоли моддиро таъмин намуда, боиси рушди устувори иқтисоди миллӣ ва дастовардҳои назаррас дар тамоми соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мегардад. Бо дарназардошти муқаррароти зикршуда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия мубрам арзёбӣ гардидааст.

**2. Иштироки шахсии муаллиф дар ҷараёни ба даст овардани натиҷаҳои дар рисола баёншуда.** Ҳамаи марҳилаҳои амалисозии нақшаи таҳқиқоти диссертатсионӣ, асосноккунии мубрамияти он, гузоштани мақсад ва вазифаҳои тадқиқ бо иштироки бевоситаи муаллиф таҳия шудаанд. Муаллиф дар коркарди раванди саноатикунонии босуръати минтақаҳо дар стратегияи рушди кишвар ва рушди иқтисодиёти минтақавии вилояти Суғд саҳми арзандаи худро гузошт. Дурустӣ ва асоснок будани натиҷаҳои тадқиқот тавассути асосноксозии методикаи таҳқиқ, пешниҳоди додаҳои таҷрибавӣ, ки дурустии фарзияҳои ироашуда ва тавсифи натиҷаҳои бадастомадаро тасдиқ менамоянд, таъмин карда мешавад.

**3. Дурустии натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои асосӣ.** Асосҳои назариявӣ, ташхиси илмӣ, иқтисодӣ, усулҳои баҳодиҳии ташхисӣ ва таҳлили таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ мебошад. Инчунин, барои ноил гардидан ба ҳадафҳои гузоштешуда аз усулҳои динамикаи муқоисавӣ, таҳлил, синтез, таҳлили оморӣ коркарди иттилоот истифода бурда шудааст.

**4. Навгонии илмии таҳқиқот** дар рушди муқаррароти назариявии ташаккули иқтисодиёти индустриалӣ, коркарди тавсияҳои илмӣ – амалӣ оид ба самаранок амалишавии ҳадафи саноатикунонии босуръат дар минтақаҳо инъикос мегардад.

Нуктаҳои асосие, ки мазмун ва мундариҷаи навгонии илмиро ташкил медиҳанд, аз инҳо иборат мебошанд:

- низомбандӣ намудани ҷанбаҳои илмӣ – назариявии ташаккули иқтисодиёти индустриалӣ, ки дар асоси он исбот гардидааст, ки баҳри самаранок татбиқи ҳадафи саноатикунонии босуръат дар минтақаҳо дар сиёсати саноатӣ амалишавии ҷузъҳои таркибӣ, аз ҷумла: тағйиротҳои сохторӣ, муҳити мусоиди сармоягузорӣ, тадбирҳои инноватсионӣ шартҳои муҳим дар роҳи расидан ба натиҷаҳои интизорӣ мебошад. Асоснок гардидааст, ки таҳияи саҳеҳ ва самаранок ҷоришавии сиёсати сохторӣ таҳкурсии асосӣ баҳри расидан ба рушди устувори ҳар як минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ мусоидат менамояд;

- асоснок гардидааст, ки дар самти саноатикунонии иқтисодиёти минтақаҳо кишварҳои хориҷӣ таҷрибаи ғанӣ доранд, ки истифодаи он дар минтақаҳои ҷумҳурӣ имконпазир мебошад. Ба монанди ҷойгиршавии маҷмааи корхонаҳои саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои ақибмонда бо мақсади рафъи зиддиятҳои минтақавӣ (таҷрибаи ИМА, Иттиҳоди Аврупо, Ҷопон), иҷозат ба воридоти молҳои саноатие, ки дар иқтисодиёти миллӣ истеҳсол намешавад (Бразилия), дастгирии раванди саноатикунонӣ бо субсидия, тарифҳои махсус, протексионизм тибқи нақшаҳои панҷсола ва ҳифз аз рақобати гуногун (Чин), дастгирии саноати соҳаи баландтехнологӣ, қарзҳои дарозмуддат (Қазоқистон), пешбурди содироти маҳсулоти саноатӣ, афзалияти сармоягузории давлатӣ ба саноати кӯҳӣ, металлургӣ, мошинсозӣ, ташаккули кластерҳои азими саноатӣ (Ӯзбекистон);

- исбот карда шудааст, ки истифодабарии иқтидорҳои истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ дар вилояти Суғд дар давраи охир тамоюли афзоиш дорад вале, сатҳи воридшавии он ба ҷараёни такрористеҳсолот аз имконияти мавҷуда хеле кам буда, ғайриқаноатбахш мебошад. Муайян карда шудааст, ки минтақа дар самти рушди соҳаи саноати кӯҳӣ, сохтмон, кимё, сабук, дорусозӣ, мошинсозӣ имкониятҳои зиёд бо истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дорад;

- арзёбӣ карда шудааст, ки ҳадафи саноатикунонӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд бо суръати гуногун амалӣ шуда истодааст, ки дар он мавкеи пешсафро шаҳрҳои Бӯстон, Гулистон, Хуҷанду Панҷакент доранд. Мавкеи ақибмонӣ дар ноҳияҳои Деваштич, Шаҳристон ва Кӯҳистони Мастчоҳ мушоҳида карда мешавад. Сабабҳои кафомонӣ: нокифоягии захираҳои молиявӣ, таваҷҷуҳи суст ба сармоягузорӣ, мавҷуд набудани фаъолияти маркетингӣ баҳри ҷалби сармоягузорон ва ғайраҳо мебошад;

- исбот карда шудааст, ки раванди саноатикунонӣ дар минтақа натиҷаи таъсири бисёр омилҳо мебошад, ки дар байни онҳо мавкеи асосиро инҳо ташкил медиҳанд: мавҷудияти ашёи хом, ки ба такрористеҳсолот ворид нагаштааст; ташаккули инфрасохтори мусоидаткунандаи рушди саноат;

дастрасӣ ба техника ва технологияи муосир; дастгирӣ ва таваҷҷӯҳи мақомотҳои маҳаллӣ; афзалиятҳои тахассуснокии саноатии минтақа;

- коркард ва пешниҳод намудани низоми чорабиниҳо оид ба таҷдиди раванди саноатикунонии минтақаҳо аз он ҷумла: дар вилоятҳо ташкили "Маркази минтақавии ташаббусҳои стратегӣ барои рушди устувори саноат" бо ҷалби мутахассисони соҳа ва олимони варзида; ривоҷ додани кластерҳои саноатӣ тибқи ихтисосмандӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят; дастгирии паҳншавии лизинги техникаву таҷҳизотҳои баланди саноатӣ; ташкили мониторинги фазои сармоягузорӣ барои бартараф намудани монеаҳо дар рушди соҳаи саноат.

**5. Мақсади таҳқиқот** омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ, илмӣ-методии рушди соҳаи саноат ҳамчун омили асосии тараққиёти иқтисодиёти минтақа ва коркарди пешниҳодҳои амалӣ баҳри ҳалли муаммоҳо дар ҷорӣ намудани ҳадафи саноатикунонӣ дар вилояти Суғд мебошад.

**6. Вазифаҳои таҳқиқот.** Мутобиқ ба мақсади гузошташуда вазифаҳои зерин муайян ва ҳал карда шудаанд:

• таҳқиқи асосҳои илмиву назариявии сиёсати саноатӣ дар иқтисодиёти минтақа дар шароити муосир;

• омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ оид ба таъмини рушди соҳаи саноат ва муайян кардани заминаҳои консептуалии амалишавии ҳадафи саноатикунонии босуръат дар иқтисодиёти минтақа;

• арзёбӣ кардани ҳолат ва асоснок намудани самтҳои рушди соҳаи саноат дар вилояти Суғд;

• муайян намудани иқтидори иқтисодии вилояти Суғд дар самти амалишавии ҳадафи саноатикунонии босуръат;

• исбот кардани таъсири омилҳои гуногун ба ҷараёни саноатикунонӣ ва муайян намудани фишангҳои рушди инноватсиониву сармоягузории корхонаҳои саноатии вилояти Суғд;

• коркарди тавсияҳо оид ба таҷдиди фаъолнокӣ дар самти амалишавии ҳадафи саноатикунонии босуръат, муқаррар намудани самтҳои афзалиятноки он дар иқтисодиёти минтақа.

**7. Аҳамияти назариявӣ ва методии диссертатсия** саҳеҳӣ андохтан ба мазмуну мундариҷаи муқаррароти назариявию амалӣ ва асоснок кардан мебошад. Инчунин афзалият додан ба рушди сохторҳои саноатӣ ҳамчун воситаи рушди истеҳсолот, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолии минтақа, таҳияи тавсияҳои методӣ барои ташаккули модели оптималии сохторӣ ва шароити ташкилию иқтисодӣ барои саноатикунонии минтақавӣ мебошад.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот аз он иборат аст, ки бо истифодаи тавсияҳои таҳияшуда дар раванди баланд бардоштани

шиддатнокии мубодилаи захираҳо дар байни иштирокчиёни ниҳодҳои бозор ва объектҳои истеҳсолот, бо тақсимоти оқилонаи захираҳои мавҷуда тибқи барномаҳо ва лоиҳаҳои рушди дарозмуддат, такмил додани раванди ташкили ҳамкории байни муассисаҳои истеҳсолӣ ва ғайра муайян карда мешавад.

Маводи диссертатсия метавонад барои такмил додани барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ аз фанҳои "Иқтисоди минтақавӣ", "Ҷойгиркунии қуввахои истеҳсолкунанда", "Иқтисоди корхонаҳо", "Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ" ва инчунин дар раванди таълими онҳо истифода шавад. (маълумотномаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ тахти №1535, аз 11.12.2021).

Хулосаҳои илмӣ ва тахияи тавсияҳо барои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи минтақаҳо баҳри таъмини афзалиятҳои рақобатӣ дар иқтисодиёти минтақаҳо истифода гариданд (маълумотномаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ тахти №2389-7/7, аз 22.10.2021).

**8. Мутобиқатии диссертатсияи ба ихтисос ва самти илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар заминаи Феҳристи ихтисосҳои илмӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, ба иҷро гардида, он ба шиносномаи ихтисоси «08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ» мувофиқат менамояд.

**9. Инъикоси маводҳои рисола дар корҳои чопшудаи муаллиф.** Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия дар маърӯзаҳо ва баромадҳои муаллиф дар як катор конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ, аз ҷумла дар конференсияи илмӣ-амалии байнидонишгоҳии «Ҷабҳаҳои иқтисодию молиявии саноатикунонии босуръати иқтисодиёти миллӣ» (Хуҷанд, 2020), конференсияи анъанавии илмӣ - амалии олимону профессорон ва муҳаққиқони ҷавон тахти унвони «Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ» (Хуҷанд, 2020), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Нерӯи зеҳниву сармояи инсонӣ ва рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар" (Исфара, 2020), Форуми ҷумҳуриявии иқтисодӣ дар мавзуи «Таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисодиёти Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ» (Хуҷанд, 2020), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ тахти унвони "Саноатикунонии босуръат - асоси ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ" (Хуҷанд, 2021) муҳокима гардида, аз нашр баромадаанд.

Аз рӯи натиҷаҳои тадқиқот як қатор корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3

макола дар мачаллахои такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Чумхурии Точикистон нашр гардидаанд.

## ФЕҲРИСТИ
## ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАЧАИ ИЛМӢ

### I. Маколахое, ки дар мачаллахои такризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Чумхурии Точикистон ба табъ расидаанд:

1. Солиев, Ҳ.А. Рушди саноати коркарди вилояти Суғд ва саҳми он дар саноатикунонии мамлакат [Матн] / Ҳ.А. Солиев // Мачаллаи илмӣ-пажӯҳишии "Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон". – Душанбе, 2020. – №3 (260). – С.152-156. ISSN 2076–2569.

2. Солиев, Ҳ.А. Мавкеи саноати хӯроквории вилояти Суғд дар амалишавии ҳадафи саноатикунонии босуръат [Матн] / Ҳ.А. Солиев // Мачаллаи илмӣ-пажӯҳишии "Ахбори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон". – Душанбе, 2020. - № 9 (90). – С. 123-128. ISSN 2413-5151.

3. Солиев, Ҳ.А. Минтакаи озоди иктисодии Суғд ва накши он дар саноатикунонии босуръати кишвар [Матн] / М.М. Шарифзода, Ҳ.А. Солиев // Мачаллаи илмии назариявии "Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Точикистон", Силсилаи илмҳои чомеашиносӣ. – 2021. – №1 (86). – С. 81-88. ISSN 2411-1945.

### II. Маколаҳои илмие, ки дар мачмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

4. Солиев, Ҳ.А. Истеҳсолоти агросаноатӣ - заминаи асосӣ барои расидан ба ҳадафи саноатикунонии мамлакат [Матн] / Ҳ.А.Солиев // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Баланд намудани рақобатпазирии иқтисодиёти миллии Чумҳурии Тоҷикистон дар шароити чаҳонишавӣ". – Хучанд, 2019. – С. 51-56.

5. Солиев, Ҳ.А. Накши истеҳсолоти корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар рушди иктисодиёти минтакаи шимоли Тоҷикистон [Матн] / Ҳ.А. Солиев // Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Илм ва инноватсия баҳри ичрои ҳадафҳои миллӣ». – Хучанд, 2019. – С. 74-76.

6. Солиев, Ҳ.А. Истеҳсолу коркарди меваю сабзавот ва имкониятҳои содиротии онҳо [Матн] / Ҳ.А. Солиев // Маводи конференсияи илмӣ-амалии чумҳуриявӣ дар мавзуи "Технологияи инноватсионии коркард ва логистикаи меваю сабзавот: нигоҳ ва оянда". – Душанбе, 2019. – С. 82-85.

7. Солиев, Ҳ.А. Татбики саноатикунонӣ-заминагузори таъмини амнияти озукаворӣи кишвар [Матн] / Ҳ.А. Солиев // Маводи конференсияи илмӣ -

амалии байнидонишгоҳии «Ҷабҳаҳои иқтисодию молиявии саноатикунонии босуръати иқтисодиёти миллӣ». – Хуҷанд, 2020. – С. 43-47.

8. Солиев, Ҳ.А. Саноатикунонӣ - роҳ ба сӯи тараққиёти иқтисоди миллӣ [Матн] / Ҳ.А. Солиев // Маводи конференсияи анъанавии илмӣ – амалӣ таҳти унвони «Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар низоми ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ». – Хуҷанд, 2020. – С. 83-86.

9. Солиев, Ҳ.А. Нақши саноати коркард дар амалишавии ҳадафи саноатикунонии босуръат (дар мисоли вилояти Суғд) [Матн] / Ҳ.А. Солиев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - амалӣ дар мавзуи "Нерӯи зеҳниву сармояи инсонӣ ва рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар". – Исфара, 2020. – С. 69-74.

10. Солиев, Ҳ.А. Мавқеи Минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» дар саноатикунонии кишвар [Матн] / Ҳ.А. Солиев // Форуми ҷумҳуриявии иқтисодӣ дар мавзуи «Таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисодиёти Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ», бахшида ба 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хуҷанд, 2020. – С. 111-116.

11. Солиев, Ҳ.А. Рушди саноати хӯрокворӣи вилояти Суғд дар таъмини амнияти озуқаворӣ [Матн] / Ҳ.А. Солиев // Маводи конференсияи илмию амалии байналмилалӣ, дар мавзуи "Таъмини амнияти озуқаворӣ, тақвияти иқтидорҳои содиротӣ ва ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ". – Исфара, 2021. – С. 86-91.

12. Солиев, Ҳ.А. Саноатикунонӣ - омили муҳими таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ [Матн] / М.М. Шарифзода, Ҳ.А. Солиев // Форуми саноатӣ таҳти унвони "Қадамҳои устувор баҳри рушди саноати миллӣ". – Бӯстон, 2021. – С. 101-104.

13. Солиев, Ҳ.А. Саноатикунонӣ – асоси рушди минбаъдаи иқтисодиёти миллӣ [Матн] / Ҳ.А. Солиев // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони "Ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт: ҳолат ва дурнамо". – Хуҷанд, 2021. – С. 113-116.

14. Солиев, Ҳ.А. Рушди соҳаи саноат - яке аз ҳадафҳои олии Тоҷикистони соҳибистиқлол [Матн] / Ҳ.А. Солиев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони "Саноатикунонии босуръат - асоси ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ". – Хуҷанд, 2021. – С. 91-96.

15. Солиев, Ҳ.А. Солҳои рушди саноат - таҳкимбахши амалишавии ҳадафи саноатикунонӣ [Матн] / М.М. Шарифзода, Ҳ.А. Солиев // Маводи конференсияи илмӣ - амалӣ таҳти унвони «Ҳамгироии илм ва истеҳсолот баҳри татбиқи ҳадафҳои Стратегияи миллӣ», бахшида ба эълон гаштани солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат». – Хуҷанд, 2022. – С. 15-18.

Диссертатсияи Солиев Ҳомидҷон Абдуманнонович дар мавзуи «Нақши саноатикунонии босуръат дар таъмини рушди иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва худудӣ ҷавобгӯ ба талаботи муқарраргардида арзёбӣ мегардад ва ба экспертизаи марҳилаи навбатӣ пешниҳод карда мешавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур 18 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

тарафдор - 18 нафар;
зид - нест;
бетараф - нест.

Хулоса дар маҷлиси васеи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 31 майи соли 2022, протоколи № 13 қабул шудааст.

Раиси маҷлис,
мудири кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо
ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,
н. и. и., дотсент ______ Қаюмов Ф.Ғ.

Котиби маҷлис,
коргузори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо
ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ______ Ғафурова Ф.В.

Имзоҳои Қаюмов Ф. Ғ. ва Ғафурова Ф. В.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон ______ Мирпочоев И.Ҳ.

**Суроға:**
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,
микроноҳияи 17, хонаи 1, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, тел: +992 (3422) 2 38 11, www.tsulbp.tj